# ПРОТОКОЛИ № 53-и

мачлиси шурои диссертатсионии муштараки 6D.КОА.042 назди Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ

аз 18 марти соли 2026 ш. Душанбе

Дар маҷлис аз 11 нафар аъзои тасдиқшудаи шурои диссертатсионӣ 11 нафар, аз ҷумла 1 нафар тариқи маҷозӣ, аз рӯйи ихтисос 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм иштирок карданд.

**Иштирок доштанд**: д.и.х, проф., академики АМИТ Мирсаидов У. - Раиси шурои диссертатсионӣ; д.и.т. профессор Самиҳзода Ш.Р. – муовини раис; н.и.т. Ҳамидов Ф.А. – котиби илмӣ; д.и.х, проф., академики АМИТ Ғаниев И.Н.; д.и.х, проф. Бадалов А.; д.и.т, проф., Сафаров А.М., д.и.х, проф. Абулҳаев В.Ҷ., д.и.т., проф. Рузиев Ҷ.Р.; д.и.т. Қурбонов А.С.; д.и.т. проф. Назаров Х.М., ва д.и.т., проф. Шарифов А.

аз 18 марти соли 2026, соати 9-00 дар толори шурои диссертатсионии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ (734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Айнӣ 299/2, маҷлисгоҳи Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ, 3 ошёна) маҷлиси навбатии шурои диссертатсионии муштараки 6D.КОА.042 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа 09-00.

**Раисикунанда:** Раиси шурои диссертатсионии муштарак, д.и.х, проф., академики АМИТ Мирсаидов У.М.

**Котиб илмӣ**: номзади илмҳои техникӣ Ҳамидов Ф.А.

**Раисикунанда:** Мӯҳтарам аъзои шӯрои диссертатсионӣ, шумораи умумии аъзои шӯро 11 нафар тибқи фармони № 83/шд Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2023 тасдиқ шудааст. Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар маҷлис 9 нафар аъзо ҳузур доранд, аз инҳо 1 нафар тариқи маҷозӣ, аз ҷумла 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ. Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаиҳои дар рузномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Оё пешниҳодҳои дигаре ҳастанд? Не.

Онҳое, ки тарафдори оғози маҷлси шуро ҳастанд, лутфан овоз диҳед. Оё бетараф ё зид ҳастанд? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РУЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Ҳимояи диссертатсияи Шокаримзода Сироҷиддин Мирзо дар мавзӯи «Таҳияи технологияи коркарди омехтаи кислотаҳои гидрогенсилитсийфторид ва фторид» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руи ихтисоси 6D072000 – Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ (6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ).

Кори илмӣ дар кафедраи химияи татбиқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва лабораторияи таҳқиқотҳои экологӣ ва коркарди партовҳои саноатии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии металлургия»-и Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» иҷро шудааст.

**Роҳбарони илмӣ:**

Рафиев Рустам Сафаралиевич – номзади илмҳои химия, мудири кафедраи химияи татбиқии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Наимов Носир Абдураҳмонович – номзади илмҳои техникӣ, директори МД «Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии металлургия»-и ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик».

**Муқаризони расмӣ:**

**Ғайбуллаева Зумрат Ҳабибовна** – доктори илмҳои техникӣ, и.в. профессор, мудири кафедраи “Технологияи равандҳои истеҳсолӣ”-и филиали Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ҶСК “АЗОТ”.

**Садриддинзода Сабур Садриддин** – номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи сохтмон ва меъмории Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Муасисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ш.Душанбе.

## БАРОМАД КАРДАНД:

Раисикунанда: раиси шурои диссертатсионии муштарак, д.и.х., профессор, академики АМИТ Мирсаидов У.М.

Котиб илмӣ: номзади илмҳои техникӣ Ҳамидов Ф.А.

Унвонҷӯ: **Шокаримзода Сироҷиддин Мирзо**.

Муаллифи дисертатсияи ба саволҳои аъзои шуро д.и.т. проф. Самиҳзода Ш.Р., д.и.х, проф., академики АМИТ Мирсаидов У.М. д.и.х.

Қурбонов А.С., д.и.х, проф. Бадалов А. ва д.и.т., проф. Шарифов А. ҷавоб дод.

Баромади роҳбарони илмии унвонҷӯ - Рафиев Рустам Сафаралиевич – номзади илмҳои химия, мудири кафедраи химияи татбиқии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Наимов Носир Абдураҳмонович – номзади илмҳои техникӣ, директори МД «Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии металлургия»-и ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

1. **Ғайбуллаева Зумрат Ҳабибовна** – доктори илмҳои техникӣ, и.в. профессор, мудири кафедраи “Технологияи равандҳои истеҳсолӣ”-и филиали Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ҶСК “АЗОТ”.
2. **Садриддинзода Сабур Садриддин** – номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи сохтмон ва меъмории Донишгоҳи давлатии Данғара.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Бадалов А. - д.и.х, проф.;
2. Назаров Х.М. -д.и.т., проф.;
3. Қурбонов А.С. - д.и.т.;
4. Шарифов А. - д.и.т., проф.;
5. Самиҳзода Ш.Р. - д.и.т. проф.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ - д.и.т., проф. Шарифов А., д.и.т. Қурбонов А.С., д.и.х, проф. Бадалов А. интихоб гардиданд.

Аз 11 нафар аъзои шурои дар маҷлис ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 11 нафар иштирок намуданд, аз ҷумла 1 нафар ба тариқи маҷозӣ: аз онҳо 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз руйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 11, муқобили - нест, бетараф - нест, бюллитенҳои беэътибор - нест, бюллитенҳои таксимнашуда – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Шокаримзода Сироҷиддин Мирзо додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руи ихтисоси 6D072000 – Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ (6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ) қабул гардид.

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Шокаримзода Сироҷиддин Мирзо дар мавзӯи «Таҳияи технологияи коркарди омехтаи кислотаҳои гидрогенсилитсийфторид ва фторид» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руи ихтисоси 6D072000 – Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ (6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводи илмии ба нашр расонидаи Шокаримзода Сироҷиддин Мирзо мазмуни мундариҷаи диссертатсиониро инъикос менамоянд.

3. Ба Шокаримзода Сироҷиддин Мирзо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руи ихтисоси 6D072000 – Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ (6D072001 – Технологияи моддаҳои ғайриорганикӣ) дода шавад.

4. Барои додани дипломи доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руи ихтисос аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионии муштарак муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси
шурои диссертатсионии муштарак,
д.и.х, проф., академики АМИТ — Мирсаидов У.М.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионии муштарак,
номзади илмҳои техникӣ — Ҳамидов Ф.А.

«18» марти соли 2026